# 23 00 00 СИЁСАТШИНОСӢ
# 23 00 00 ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ
# 23 00 00 POLITICAL LAW

## 23.00.02 ПОЛИТИЧЕСКИЕ ИНСТИТУТЫ, ПРОЦЕССЫ И ТЕХНОЛОГИИ
## 23 00 02 POLITICAL INSTITUTES, PROCESSES AND TECHNOLOGIES

***УДК 316.3***
***ББК 60.561.3***

***ИҶТИМОИГАРДОНИИ СИЁСӢ ДАР ТОҶИКИСТОН: МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИИ ОН***

***Зоҳидов Очил Ҳоҷибоевич,*** *д.и.ф., профессори кафедраи фанҳои ҷамъиятии ДДҲБСТ;* ***Саидзода Шухрат Шукур,*** *н.и.с., дотсенти кафедраи сиёсатшиносии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд).*

***ПОЛИТИЧЕСКАЯ СОЦИАЛИЗАЦИЯ В ТАДЖИКИСТАНЕ: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И ПРАКТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ***

***Зохидов Очил Хаджибаевич,*** *д-р филос. наук, профессор кафедры общественных дициплин ТГУПБП;* ***Саидзода Шухрат Шукур,*** *канд. полит. наук, доцент кафедры политологии ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

***POLITICAL SOCIALIZATION IN TAJIKISTAN: THEORETICAL AND PRACTICAL ISSUES***

***Zohidov Ochil Khojibaevich,*** *Dr. of Philosophy, Associate Professor of the department of social sciences under the TSULBP;* ***Saidzoda Shuhrat Shukur,*** *candidate of political sciences, Associate Professor of the politology department under the TSULBP (Tajikistan, Khujand)* ***E-MAIL:*** *shuhratst@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *иҷтимоигардонӣ, иҷтимоигардонии сиёсӣ, моделҳои иҷтимоигардонии сиёсӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлати демократӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон*

*Ҷиҳатҳои назариявию амалии масъалаи иҷтимоигардонии сиёсӣ дар Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Мазмун, моҳият ва пайдоиши мафҳумҳои «иҷтимоигардонӣ», «иҷтимоигардонии сиёсӣ» ҳамчун категорияҳои илмӣ, ки дар илмҳои ҷомеашиносӣ истифода бурда мешаванд, баррасӣ гардидааст. Навъҳо ва таърифҳои гуногуни иҷтимоигардонии сиёсӣ, ки дар осори муҳаққиқон дучор мешаванд, шарҳу тавзеҳ дода шудаанд. Дар навбати худ, таърифи муаллифии мафҳуми мазкур пешниҳод гардидааст: иҷтимоигардонии сиёсӣ раванди мақсадноки интиқол додани арзишҳои иҷтимоиву сиёсӣ, мутобиқсозии шахс ба муҳити низоми сиёсии ҷомеа бо роҳи ҳифзи тартибот ва рушди устувори давлат мебошад. Масъалаи давраҳои иҷтимоигардонии сиёсӣ, институтҳо ва агентҳои иҷтимоигардонии сиёсӣ, аз рӯи кадом модел пеш рафтани иҷтимоигардонии сиёсии шаҳрвандон, ки он бо сатҳи маърифатнокии сиёсӣ, маданияти сиёсии шаҳрвандон ва рушди ҳаёти сиёсии давлат алоқмандии зич дорад, инъикос гардидаанд. Моделҳои иҷтимоигардонии сиёсии тобеиятӣ, ғайримуташаккил ва рағбатнокӣ вобаста ба шароити низоми сиёсии демократии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифта, бо назардошти рӯ овардани кишвар ба бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар*

*маркази он ҳуқуқу озодиҳои инсон қарор дорад, модели рағбатнокӣ муҳим ва афзалиятнок унвон шудааст.*

***Ключевые слова:*** *социализация, политическая социализация, модели политической социализации, Республика Таджикистан, демократическое государство, гражданское общество, права и свободы человека*

*Анализируются теоретические и практические аспекты политической социализации в Таджикистане. Понятие, сущность и происхождение терминов «социализация», «политическая социализация» рассматриваются в качестве научных категорий, которые используются в общественных науках. Объясняются различные типы и определения политической социализации, используемые в работах исследователей. В свою очередь высказан авторский взгляд на проблему политической социализации: она охарактеризована как целенаправленный процесс передачи социально-политических ценностей, адаптации личности к политической системе через защиту образования и устойчивое развитие государства. Отражены также периоды политической социализации, её институты и агенты, модели политической социализации граждан, которая тесно связана с уровнем их политического образования и культуры и с развитием политической жизни государства. Также анализируется модель политической социализации, приемы дезорганизации и стимулы применительно к условиям демократической политической системы Таджикистана. Принимая во внимание приверженность страны построению гражданского общества, основанного на правах и свободах человека, модель стимулов названа важной и приоритетной.*

***Key-words:*** *socialization, political socialization, models of political socialization, Tajikistan Republic, democratic state, civil society, rights and freedoms of man*

*The authors of the article analyze theoretical and practical aspects of political socialization in Tajikistan. Notion, essence and origin of the terms "socialization", "political socialization" are considered as scientific categories used in social sciences. The authors give explications of different types and definitions of political socialization used in the works of researchers. The problem of the latter is presented through the author`s view: it is characterized as a targeted process of conveyance of social-political values, individual`s adoptation to political system through protection of education and sustainable development of the state. The article reflects also the periods of political socialization, its institutes and agents, models of citizens` political socialization; the latter being closely connected with the standard of political education and culture and with a development of state`s political life. The models of political socialization, devices of disorganization and stimuli respective of the conditions of democratic political system of Tajikistan are analyzed as well. Taking into consideration the country`s adherence based on man`s rights and freedoms the model of stimuli is called as important and prior.*

Мафҳуми "сотсиализатсия", ки ба забони тоҷикӣ то ба имрӯз "иҷтимоисозӣ", "сотсиаликунонӣ", "иҷтимоикунонӣ", "иҷтимоъгароӣ" ва ғайра тарҷума шудааст, аслан истилоҳи илми сотсиология мебошад. Муаллифи мафҳуми «сотсиализатсия» сотсиологи амрикоӣ Г. Гиддингс аст. Ӯ соли 1887 дар китоби «Назарияи сотсиализатсия» истилоҳи сотсиализатсияро ба маънои «рушди табиати иҷтимоӣ ва характери фард», «омодашавии инсон ба ҳаёти иҷтимоӣ» истифода намудааст[9, с.13]. Бо гузашти як аср таҳқиқи масъалаи

"сотсиализатсияи сиёсӣ" рӯи кор омад ва бори аввал соли 1959 аз ҷониби намояндаи мактаби илми сиёсии Амрико Герберт Ҳайман мавриди истифода қарор гирифт. Ӯ сотсиализатсияи сиёсиро ба маънои «аз ҷониби инсон аз худ кардани меъёрҳои иҷтимоӣ, ки бо сохтори ҷомеа ва мавқеъҳои иҷтимоии ӯ алоқаманд аст» маънидод намудааст[21, с.25]. Баъдан дар соли 1968 аз ҷониби Ассотсиатсияи сиёсатшиносони Амрико самти илмии «сотсиализатсияи сиёсӣ» муайян карда мешавад, ки он барои таҳқиқи минбаъдаи масъалаи мазкур заминаи боэътимод мегузорад. Ҳамин тавр, мафҳуми "сотсиализатсияи сиёсӣ" дар таркиби луғати сиёсӣ ҷой пайдо намуд ва он то ба имрӯз аз тарафи муҳаққиқон мавриди корбурд қарор дорад.

Ҳоло дар адабиёт таърифҳои гуногуни сотсиализатсияи сиёсӣ истифода мегардад. Муҳаққиқон барои ифодаи масъалаи раванди аз ҷониби шахс аз худ намудани арзишҳо ва меъёрҳои иҷтимоиву сиёсии ҷомеа, тарзи рафтор, принсипу қоидаҳои низоми сиёсӣ дар адабиёти сиёсии ватанӣ мафҳумҳои иҷтимоигардонии сиёсӣ, иҷтимоишавии сиёсӣ, ҷомеапазирии сиёсӣ, иҷтимоикунонии сиёсӣ, иҷтимоисозии сиёсӣ ва сотсиаликунонии сиёсиро истифода намудаанд.

Ба ақидаи мо барои ифодаи мафҳумҳои "сотсиализатсияи сиёсӣ"-и русӣ ва "political socialization"-и англисӣ истилоҳи тоҷикии **иҷтимоигардонии сиёсӣ** мувофиқтару созгортар менамояд. Истифода мафҳуми иҷтимоигардонии сиёсӣ аз он ҷиҳат дурусту мувофиқ аст, ки шахс дар ин раванд бо таъсири субъектони раванди иҷтимоигардонӣ, ҷиҳатҳои иҷтимоиву сиёсии худро ташаккулу инкишоф медиҳад ва ба як узви комили ҷомеа мубаддал мегардад. Ба таври дигар гӯем, ҷанбаҳои иҷтимоии шахс ташаккул ёфта, дар баробари инкишофи ҳолати биологӣ ҳамчунин ҷиҳатҳои иҷтимоии ӯ инкишоф меёбад. Бинобар ин, бо назардошти бештар аз ҷиҳати мазмуну моҳият наздик будани мафҳуми иҷтимоигардонии сиёсӣ дар ин мақола мафҳуми мазкур ба кор бурда мешавад. Аммо, ҳангоми иқтибосоварӣ мафҳумҳои истифодабурдаи муҳаққиқон дар шакли асл оварда мешавад.

Ҳоло дар сарчашмаҳо таърифҳои мухталифи иҷтимоигардонӣ ва иҷтимоигардонии сиёсӣ ба назар мерасад. Дар китоби «Сотсиология» моҳияти иҷтимоигардонии шахс ба таври зайл ифода ёфтааст: «Раванди иҷтимоикунонии инсон тавассути таҷрибаи гурӯҳ сурат мегирад. Ҳангоми гузоштани қадамҳои аввалини худ ба ҳаёт инсон орӣ аз тасаввури «ман»-и хеш аст. Танҳо баъдан тавассути фарқгузориҳояш аз предметҳои атроф ӯ қобилияти фарқ кардани худро аз соири ҳодисот пайдо мекунад»[2, с.50]. Ин ҷо муҳаққиқон иҷтимоигардониро бо ташаккули шахсияти инсон, яъне «ман»-и ӯ маънидод намудаанд. Ба андешаи онҳо, инсон зери таъсири муҳит хештанро ҳамчун фарди алоҳидаи ҷомеа дарк менамояд ва дар натиҷа ӯ ба дараҷаи шахсият мерасад.

Пажӯҳишгарон барои ифодаи мафҳуми иҷтимоигардонии сиёсӣ мафҳуми ҷомеапазирии сиёсиро низ истифода намудаанд: «Воридшавии инсон ба ҷаҳони сиёсат дар асоси аз худ намудан ва иҷрои меъёр ва шаклҳои рафтори анъанавӣ амалӣ мешавад. Ҷараёни аз ҷониби инсон азхудкунии талаботи статусии рафтори арзишҳои фарҳангӣ, ташаккулёбии шахс мутобиқан ба низоми сиёсӣ ва иҷрои функсияҳои муайян ҷомеапазирии сиёсӣ номида мешавад»[2, с.151-152]. Дар ин ҷо ҷомеапазирии сиёсӣ ҳамчун муродифи мафҳуми иҷтимоигардонии сиёсӣ омадааст. Меъёру арзишҳои пазируфтаи шахс метавонад, дар марҳилаи баъдинаи иҷтимоигардонии сиёсӣ бознигарӣ шуда, рад ва ё ба меъёру арзишҳои тоза иваз гарданд. Ин ҳодисаи раванди иҷтимоигардонии сиёсиро олимон бо истифодаи мафҳумҳои «ғайрииҷтимоигардонии сиёсӣ» ва «иҷтимоигардонии такрории сиёсӣ» шарҳ додаанд.

Муҳаққиқ Ятимов С. оид ба иҷтимоигардонии шахс чунин зикр намудааст: «Оила дар ташаккули шахсияти инсон аҳамияти аввалиндараҷа дошта, нахустин зинаи иҷтимоишавии шахс ба ҳисоб меравад. Маҳз дар ҳамин муҳит фард аз нишонаҳои аввалин ҳаёти иҷтимоии ҷомеа хабардор гашта, ба низоми муносибатҳо ворид мегардад»[19, с.128]. Ӯ дар баробари шарҳ додани мафҳуми иҷтимоигардонии шахс нақши оиларо, ҳамчун институти муҳимми ҷомеа дар ин раванд муҳим арзёбӣ менамояд.

Дар шароити имрӯза дар робита ба низоми сиёсии демократӣ, ки нақши шаҳрвандон дар раванди дигаргуниҳои ҳаёти ҷомеа торафт меафзояд, муҳаққиқон мафҳуми «иҷтимоигардонии шаҳрвандӣ»-ро низ мавриди истифода қарор додаанд. Барои мисол, муҳаққиқи рус Крапивенский С.Э. менависад: «Иҷтимоигардонии шаҳрвандӣ раванди аз ҷониби ҳар як фард аз худ намудани низоми муайяни донишҳо, меъёрҳо, арзишҳо ва анъанаҳо дар соҳаҳои фаъолияти меҳнатӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки он баамал намудан ба ҳайси узви баробарҳуқуқи ҷомеа имкон медиҳад»[7, с. 299]. Ин ҷо мафҳуми «иҷтимоигардонии шаҳрвандӣ» ба маънои раванди ташаккули шахс ба сифати шаҳрванд ифода гардидааст. Ҳамчунин сухан дар бораи амали бевоситаи шахс ба ҳайси субъект меравад, ки барои пайдо намудани мақоми зарурӣ арзишҳои маъмули ҷомеаро аз худ менамояд.

Муҳаққиқ Комилова М.Д. низ бо назардошти аҳамияти бештар пайдо намудани масъалаи таҳкими маърифати шаҳрвандӣ «иҷтимоигароии шаҳрвандӣ»-ро мавриди истифода ва таҳлил қарор додааст: «Иҷтимоигароии шаҳрвандиро ҳамчун ҳамкории махсуси мактаб ва ҷомеа дар асоси донишҳои муштараки шаҳрвандӣ, меъёрҳо ва арзишҳо муайян кардан мумкин аст»[5, с.72.]. Ӯ дар таҳқиқоти хеш мақоми мактабро дар ташаккули сифатҳои шаҳрвандии хонандагон баррасӣ карда, нақши омӯзгоронро дар иҷтимоигардонии насли наврас ва тарғибу таълими беҳтарин арзишҳои милливу давлатӣ муҳим арзёбӣ намудааст.

Муҳаққиқони илми сиёсӣ низ дар асарҳои хеш мафҳуми иҷтимоигардонии сиёсиро истифода карда, онро ба таври гуногун шарҳ додаанд. Сиёсатшиноси тоҷик Зокиров Г.Н. дар бораи масъалаи иҷтимоигардонии сиёсӣ сухан ронида, мафҳуми сотсиаликунонии сиёсиро истифода кардааст: «Сотсиаликунонии сиёсии шахс равандест басо муҳим ва мураккаб дар олами сиёсат. Он равандест оид ба ташаккули сиёсии шахс, ворид гардидани шахс ба дунёи сиёсат, омодагӣ ва пайдоишу инкишофи муносибати он ба ҳокимияти сиёсӣ»[1, с.111]. Муҳаққиқ иҷтимоигардонии сиёсиро бевосита яке аз масъалаҳои илми сиёсатшиносӣ ҳисобида, раванди мазкурро воситаи ташаккули ҷиҳатҳои сиёсии шахс, воридшавии ӯ ба муносибатҳои сиёсӣ ва ҳокимияти сиёсӣ унвон намудааст. Дар раванди иҷтимоигардонии сиёсӣ шахс на танҳо донишҳои сиёсӣ пайдо менамояд, балки вориди муносибатҳои сиёсӣ гардида, ба равандҳои сиёсии ҳаёти ҷомеа таъсир мерасонад.

Савол ба миён меояд, ки мафҳуми иҷтимоигардонии сиёсиро дар таҳқиқи илмӣ дар кадом мавридҳо истифода бурдан мумкин аст? Ба андешаи муҳаққиқи амрикоӣ Ф. Гринштейн, онро ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои зерин метавон истифода намуд: дар вақти омӯзиши тамоюлҳои сиёсӣ дар кӯдакон(1); дар таҳқиқи меъёрҳо ва қоидаҳои дар ҷомеа афзалиятдошта(2); таъсири назарияҳои гуногуни сиёсӣ ба шаҳрванд дар ҳамаи давраҳои ҳаёт(3); дар вақти мушоҳида бурдан ба фаъолияти институтҳои иҷтимоигардонӣ, ки каналҳои таъсирррасони ҷомеа ба шахс мебошанд(4) [20, с.190-191].

Дар раванди иҷтимоигардонии сиёсӣ самти инкишоф ва рафтори шахс ҳамчун модели иҷтимоигардонї баромад мекунад. Ҷиҳатҳои сиёсии шахс маҳз зери таъсири муҳити

иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеа ташаккул ва инкишоф меёбад. Муҳаққиқони илми сиёсӣ Д.Истон ва Ҷ. Деннис иҷтимоигардонии сиёсиро ҳамчун таъсири ҷомеа ба шахс бо мақсади дар ӯ ташаккул додани муносибати мусбат ба низоми сиёсӣ муайян намудаанд [4, с.79]. Дар консепсияи мазкур шахс ҳамчун субъекти ғайрифаъол баромад карда, меъёрҳо ва стандартҳои рафтори сиёсии дар ҷомеа маъмулро қабул менамояд. Чунин раванди таъсиррасонӣ ва назорати шахс аз тарафи давлат имкон медиҳад, шахс ҳамчун субъекти мутобиқшаванда ба муҳити сиёсӣ ташаккул ёбад. Чунин модел асосан хоси низомҳои сиёсии авторитарӣ ва тоталитарӣ мебошад, ки ҳокимият барои пурра зери таъсири худ нигоҳ доштани мардум раванди иҷтимоигардонии сиёсӣ шахсро дар рӯҳияи комилан тобеъ будан ба низоми сиёсӣ ба роҳ мемонад. Мутобиқи консепсияи Д.Истон ва Ҷ.Деннис, иҷтимоигардонии сиёсӣ раванди таълими модели иҷтимоӣ-сиёсӣ ба шахс буда, тавассути иҷро намудани тарзи рафтори муайяни сиёсӣ шахс вориди низоми сиёсии ҷомеа мегардад. Дар ин консепсия зарурати мустақилона қабул гардидани низоми сиёсӣ, қоида ва қонунҳои он аз тарафи шахс муайян намешавад. Дар ин робита аҳамияти институтҳои иҷтимоигардонии сиёсӣ – оила, мактаб, муассисаҳои динӣ, ки дар ташаккули тарзи рафтори шахс бо низоми сиёсӣ нақши мусбатро иҷро менамоянд, боло меравад

Ҳамин тавр, иҷтимоигардонии сиёсӣ на танҳо раванди омӯхтану мутобиқ гардидани шахс ба низоми сиёсии ҷомеа маҳсуб мешавад, балки воситаи пайдо намудани мавқеи муайяни сиёсӣ ва ба субъекти фаъол табдил ёфтани шахс низ мебошад. Ба таври дигар гӯем, иҷтимоигардонии сиёсӣ раванди мураккаб ва дуру дароз мебошад, ки шахс арзишу меъёрҳои ҷомеаро тавассути фаъолияти институтҳои иҷтимоигардонии сиёсӣ қабул намуда, вориди дунёи сиёсат мегардад ва ҳамчун субъекти сиёсат метавонад ба раванди сиёсӣ таъсири муайян расонад.

Оид ба давраҳои иҷтимоигардонии сиёсӣ шахс ақидаҳои гуногун мавҷуд мебошанд. Аммо, бештари муҳаққиқон ба он андешаанд, ки он аз давраи таваллуд то ба охири ҳаёти шахс давом меёбад. Чуноне ки муҳаққиқи рус Шестопал Е.Б. зикр менамояд: «Иҷтимоигардонии сиёсӣ бо гирифтани шиноснома ба анҷом намерасад. Он дар давоми ҳаёти инсон идома меёбад…»[16, с.4].

Аз ҷониби муҳаққиқон чор давраи иҷтимоигардонии сиёсӣ муайян карда шудааст:

1) аз давраи таваллуд то мактабравӣ; 2) давраи таҳсил дар мактаб; 3) марҳилаи фаъолияти меҳнатӣ; 4) баъди ба анҷом расидани фаъолияти меҳнатӣ[17, с.496]. Яъне, дар давраи нафақахурӣ низ шахс вобаста ба мақоми иҷтимоиаш арзишу меъёрҳои ба худ хосро касб менамояд ва ҳамчун субъекти ҷомеа метавонад ба равандҳои иҷтимоиву сиёсӣ таъсир расонад.

Масъалаи аз рӯи кадом навъ пеш рафтани раванди иҷтимоигардонии сиёсии шаҳрвандон бисёр муҳим мебошад, ки он ба сатҳи маърифати сиёсӣ, фаъолнокӣ, тарзи маданияти сиёсӣ ва ояндаи ҷомеа таъсири назаррас дорад. Муҳаққиқон барои шарҳи хусусияти иҷтимоигардонии сиёсии шахс дар давлат мафҳуми моделро истифода намудаанд. Модели иҷтимоигардонии сиёсӣ тарзи муносибати байни шахс ва ҳокимиятро муайян менамояд.

Аз назари муҳаққиқон интихоби ин ва ё он модели иҷтимоигардонии сиёсиро фарҳанги сиёсии дар ҷомеа ҳукмрон муайян мекунад. Он модели муайяни муносибати байни ҳокимият ва шахсро муқаррар менамояд[10, с.244]. Дар навбати худ чигунагии фарҳанги сиёсии шаҳрвандон аз режими сиёсӣ ва низоми сиёсии мавҷуда вобаста мебошад.

Баъди соҳибистиқлолии давлатӣ дар Тоҷикистон баробари дигар кишварҳои шӯравӣ

зарурати бознигарии масъалаи иҷтимоигардонии сиёсии шаҳрвандон пеш омад, зеро бо иваз шудани низоми сиёсӣ низоми арзишҳои сиёсии пешина ба талаботи замони нав мутобиқ набуд. На танҳо кишвар (*Иттиҳоди Шӯравӣ – С.Ш.*) ҳамчунин пояи он ҷаҳонбиние, ки одамон дар ҳамкорӣ бо ҷомеа, ташкилоти давлат ва истеҳсолӣ, бо ҳамкорон, дӯстон, бо ҳамсоягон ва бо тамоми олами атроф такя менамуданд, фано ёфт[14, с.21].

Дар чунин шароит масъалаҳои нав ба миён омаданд. Ба монанди: иҷтимоигардонӣ кадом мақсадро бояд пайгирӣ намояд? Тарзи рафтор ва арзишҳои сиёсӣ аз насли пешина ба насли ҷавон чӣ гуна интиқол дода шавад ва ғ. Мушкилии кор дар он буд, ки арзишҳои сиёсӣ ва рафтори наслҳои пешина ба шароити муосир мувофиқ набуд ва арзишҳои нави сиёсӣ бошанд, бинобар ҷанги шаҳрвандӣ хеле суст ташаккул меёфтанд.

Аз ин рӯ, танҳо баъди ба эътидол омадани вазъи сиёсии кишвар ба чунин масъалаҳо таваҷҷӯҳи Ҳукумат бештар гардид. Дар чанд барномаву консепсияҳои давлатӣ масъалаи боло бурдани маърифати сиёсии шаҳрвандон махсус зикр ёфт. Аммо, ин ҳам барои ҳалли масъалаи иҷтимоигардонии сиёсӣ кофӣ нест. Иҷтимоигардонии сиёсӣ танҳо аз маърифату дониши сиёсӣ вобаста набуда, дар он нақши омилҳои гуногун, аз қабили иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсиву фарҳангӣ, режими сиёсӣ ва ғайра назаррас мебошад.

Зикр намудан зарур аст, ки низоми демократӣ нисбат ба дигар низомҳои сиёсӣ дар ташаккули ҷанбаҳои иҷтимоиву сиёсии шахс ва иҷтимоигардонии сиёсии шаҳрвандон бештар мусоидат менамояд. Зеро мардум сарчашмаи ҳокимият ба ҳисоб рафта, ҳокимият тавассути иштироки бавосита ва ё бевоситаи онҳо идора карда мешавад. Дар низоми сиёсии демократӣ ҳуқуқу озодиҳои инсон ва плюрализми сиёсӣ ба фаъолнокии шаҳрвандон ва боло бурдани саҳми онҳо дар рушди ҷомеа заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ташаккул ва инкишофи давлати миллӣ дар самти сиёсати дохилӣ масъалаҳои зиёдро пеш мегузорад, ки яке аз онҳо самаранокии раванди аз насл ба насли дигар интиқол ёфтан арзишҳои милливу динӣ ва маданияти сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Қабул кардани арзишҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангӣ дар рӯҳияи давлати нави миллӣ ва низоми демократӣ дар назди наврасону ҷавонон масъалаҳои навро пеш мегузорад.

Раванди иҷтимоигардонии сиёсӣ дар Тоҷикистонро аз рӯи якчанд модел мавриди таҳлил қарор дода, вобаста ба шароити муосири кишвар ва рушди ояндаи он модели лозимаро пайдо намудан мумкин аст:

Якум, модели тобеиятӣ. Дар модели мазкур шахс зери тобеияти пурраи давлат қарор гирифта, на танҳо мустақил нест, балки аз худ қобилияти ташаббускорона ба сиёсат машғул шуданро зоҳир намесозад. Чунин модел бештар дар режимҳои тоталитарӣ ва авторитарӣ паҳншуда ба ҳисоб меравад. Раванди иҷтимоигардонии сиёсӣ аз боло ба поён сурат мегирад. Давлат ҳамчун субъекти сиёсӣ тарзи рафтор ва раванди аз худ кардани арзишҳои сиёсии шаҳрвандонро муқаррар намуда, онҳоро ба самти муайян сафарбар менамояд. Манфиатҳои шахсӣ тобеи манфиатҳои давлатӣ буда, чӣ тавр ва чӣ гуна аз худ кардани арзишҳо ва тарзи маданияти сиёсии шаҳрвандонро маҳз худи давлат муайян менамояд. Дар чунин низоми сиёсӣ шаҳрванд ҳамчун субъекти сиёсӣ фаъолият бурд наметавонад. Шахс тавоноӣ ва қудрати таъсир расонидан ба ҳаёти сиёсӣ ва равандҳои сиёсиро надорад. Шахс ба объекти сиёсӣ табдил ёфта, аз ҳуқуқу озодиҳои сиёсии худ маҳрум мебошад. Дар чунин шароит идора намудани шаҳрвандон ва бо роҳи механизми таъсиррасонӣ дар ҳолати ғайрифаъол нигоҳ доштани шаҳрвандон ба манфиати режимҳои тоталитарӣ ва авторитарӣ мебошад.

Дар модели мазкур тарзу усул ва раванди иҷтимоигардонии сиёсии институтҳо ва агентҳои иҷтимоигардонии сиёсӣ аз ҷониби давлат муайян карда мешавад. Иҷтимоигардонии сиёсии шаҳрвандон тавассути идораи маъмурӣ-фармонфармоӣ ва аз рӯи идеологияи мутеъ будан ба низоми сиёсӣ сурат мегирад. Дар тамоми зинаҳои иҷтимоигардонии сиёсӣ идеологияи ягона ҳукмрон буда, он ҳамаро фарогир мебошад. Васоити ахбори омма пурра аз рӯи барномаи тарҳрезишуда фаъолият намуда, идеяи ягонаро пешбарӣ менамояд. Намунаи барҷастаи он таҷрибаи давлати шӯравӣ ба ҳисоб меравад. Модели иҷтимоигардонии сиёсии тобеиятӣ нисбат ба дигар моделҳо самараноктар буда, он аз рӯи мақсади ягона пеш меравад. Ин модел тавоноии бештари ҳамаро фарогиранда дорад. Дар шароити имрӯза имкони пурра ба роҳ мондани чунин модел хеле кам аст. Рушди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва ба иборае «табдил ёфтани ҷаҳон ба деҳаи хурдакак» намегузорад, ки чунин модели пурра идеологишуда рӯи кор ояд.

Гарчанде аз давраи шӯравӣ модели иҷтимоигардонии сиёсии тобеиятӣ аз худ нишонаҳо боқӣ мондааст, аммо он ба талаботи замони имрӯз ҷавобгӯ намебошад.

Дувум, модели ғайримуташаккил. Мувофиқи таҳлили муҳаққиқон чунин модел дар бисёри кишварҳо амал менамояд. Инкишоф наёфтани низоми сиёсии демократӣ, ноустувории идораи давлатӣ, суннатгароӣ ва пеш нарафтани иқтисодиёти давлат сабаби асосии ташаккул ёфтани модели иҷтимоигардонии сиёсии ғайримуташаккил мегардад. Дар чунин ҷомеаҳо раванди иҷтимоигардонии сиёсӣ ба таври мақсаднок ташкил ва ба роҳ монда нашудааст ва шаҳрвандон вобаста ба шароити сиёсии бамиёнаомада рафтор менамоянд. Ҳар шахс вобаста ба мақсадҳои худ ва нисбат ба он, ки зери кадом гурӯҳи сиёсӣ қарор мегирад, ба иҷтимоигардонии сиёсӣ фаро гирифта мешавад. Ҳар як институт ва агентҳои иҷтимоигардонии сиёсӣ аз рӯи диди худ ба иҷтимоигардонии сиёсии шаҳрвандон мепардозанд ва бинобар набудани модели ягонаи иҷтимоигардонии сиёсии шаҳрвандон, маданияту афкори сиёсии наврасону ҷавонон вобаста ба арзишҳои маҳалли худ ташаккул меёбанд. Раванди иҷтимоигардонии сиёсӣ ғайримақсаднок пеш рафта, он на аз рӯи идеология ва ё анъанаҳои ҷомеа, балки аз рӯи манфиатҳои гурӯҳи муайян ва таҷрибаҳои касбнамудаи онҳо ба вуҷуд меояд. Маҳз ташаккул наёфтани низоми сиёсии ҷомеа ва инкишофи анъанаи давлатдорӣ боиси ба роҳ монда шудани модели ғайримуташаккили иҷтимоигардонии сиёсӣ мегардад.

Дар кишварамон дар солҳои 90-уми асри гузашта аз сабаби сар задани ҷанги шаҳрвандӣ , аз байн рафтани идеологияи ягонаи давлатӣ, паст будани шароити иҷтимоиву иқтисодӣ ва фалаҷ шудани пояҳои ҳокимияти сиёсӣ раванди иҷтимоигардонии сиёсӣ дар муддати муайян аз рӯи модели номуташаккил пеш рафт. Ҳар шахс ва гурӯҳ аз рӯи манфиатҳои маҳаллӣ ва доираи хурд ин ё он арзиш ва маданияти сиёсиро муҳим арзёбӣ намуда, бо тарзҳои гуногун бо ҳаёти сиёсӣ ва равандҳои сиёсӣ бархӯрд карданд.

Севум, модели иҷтимоигардонии сиёсии «рағбатнокӣ» (интерес) мебошад. Модели мазкур асосан хоси давлатҳои низоми демократидошта мебошад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон арзиши олӣ ва мардум ҳамчун сарчашмаи ҳокимият пазируфта шудааст. Модели иҷтимоигардонии сиёсии «рағбатнокӣ» ба ҳар шахс имкон фароҳам меорад, ки вобаста ба мақсадҳо ва манфиатҳои хеш мустақилона муносибати худро бо ҷомеа ва давлат муайян намояд. Ба андешаи олимон, дар раванди иҷтимоигардонии сиёсӣ инсон на танҳо ба талаботи ҳокимият тобеъ мешавад, зиёда аз ин онро бо манфиатҳои шахсӣ ва мақсадҳои умумии одамон мутобиқ намуда, рафтор менамояд[8, с.133]. Дар муқоиса бо дигар

моделҳои иҷтимоигардонии сиёсӣ дар модели мазкур шахс ба ҷомеа дастрасии назаррас дошта, ба он осон мепайвандад ва мақом пайдо менамояд. Яъне, назару мавқеи ҷомеа дар қабули қонунҳои аҳамияти миллидошта барои давлат муҳим гардида, он тавассути ҷонибдорӣ ва раъйи шаҳрвандон қабул карда мешавад. Дар давраи соҳибистиқлолӣ мо инро дар мисоли қабули Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дида метавонем. Пеш аз қабули қонунҳои мазкур дар тамоми шаҳру ноҳияҳои мамлакат таклифу пешниҳодҳои шаҳрвандон ҳам ба таври шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ қабул карда шуданд.

Чуноне ки муҳаққиқ Идиев Х.У. зикр менамояд: «Ҷамъияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир аз нигоҳи гузариш аз як низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ба муносибатҳои нави имрӯза дучори дигаргуниҳои густурдае дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти амалӣ мебошад, ки омилҳои таъсиррасон ба онҳо марбут ба падидаҳои дохилӣ ва берунӣ аст. Дар мадори ин дигаргуниҳо одамон кӯшиш менамоянд, ки ҳаёти худро ба воқеияти нав мутобиқ созанд ва дар амали иҷтимоияшон арзишҳою меъёрҳои низоми нави иҷтимоиро ҳадафмандона татбиқ намоянд»[3, с.67]. Ин шароити нави бамиёномада аз ҳар шаҳрванд баробари аз худ кардани меъёру арзишҳои ҷомеа, махсусан аз ҷиҳати сиёсӣ соҳиби маърифати баланд ва зиракиву ҳушёрии сиёсӣ буданро тақозо менамояд. Чуноне ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: «Вазъи имрӯза ва хатарҳои афзоянда бояд шаҳрвандон, аз ҷумла ҷавонони моро ҳушёр созад, ки ба ҳар гуна ҳаракату гурӯҳҳои тундрав ҳамроҳ нагарданд ва зиракии сиёсиро аз даст надода, барои ҳифзи давлатдории миллиамон кӯшиш намоянд ва Ватани азизамонро чун меҳри модар муқаддасу гиромӣ доранд»[18].

Ба андешаи пажӯҳишгарон, такомули низоми сиёсии ҷомеа бояд дар фароҳам овардани шароитҳои таъминкунандаи ҳаёти шоиста ва инкишофи озодонаи ҳар фард равона гардад ва тариқи устувор, пайгирона ва мақсаднок инкишоф ёбад[11, с.12]. Таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва имконияти баробари шаҳрвандон дар идоракунии давлатӣ боиси таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва ҳифзи суботу амнияти миллӣ мегардад. Гузашта аз ин, эътимоди мардум нисбати давлату ҳокимият бештар гардида, ба амалӣ гардидани низоми демократӣ ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаҳои воқеӣ ба вуҷуд меоянд[13, с.141-142].

Тоҷикистон дар самти рушди принсипҳои демократия ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон пешқадам набошад ҳам, солҳои охир барои таъмин намудани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва манфиатҳои иҷтимоиву иқтисодии онҳо корҳои чашмрас, аз ҷумла қабули барномаву консепсияҳо оид ба баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқӣ, инкишофи демократия ва ҷомеаи шаҳрвандӣ корҳои назаррас анҷом дода шудаанд, ки иқдомҳои мазкур метавонад ба раванди босамари иҷтимоигардонии сиёсӣ ва боло рафтани нақши шахс дар ҳаёти ҷомеа таъсир назаррас гузорад.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ дар баробари давлат, ҳамчунин ҳизбҳои сиёсӣ, васоити ахбори омма дар самти иҷтимоигардонии сиёсии аҳолӣ таъсири муайяни худро расонида истодаанд. Бахши ҷомеаи шаҳрвандӣ баробари давлат дар рушди ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа фаъолнокӣ нишон дода, дар ҳамкорӣ бо институтҳои давлатӣ дар ҳалли муаммоҳои мавҷуда мусоидат менамояд.

Модели рағбатнокии  иҷтимоигардонии сиёсӣ барои инкишофи шаҳрванд ва рушди гуногунақидагӣ дар ҷомеа шароит фароҳам оварда,  ба ташаккули озодбаёнии шаҳрвандон

муосидат менамояд. Аммо то кадом андоза низоми идорӣ таҳаммули андешаи интиқодии шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои сиёсиро дорад, аз анъанаи сиёсӣ ва режими сиёсӣ вобаста мебошад. Аммо, барои устувории давлат ва рушди низоми сиёсӣ гуногунандешӣ шарти муҳим буда, ба рақобати сиёсии байни ҳизбҳои сиёсӣ ва баланд гардидани сатҳи фаъолнокии шаҳрвандон мусоидат менамояд.

Дар давлатҳои демократӣ бахши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди сиёсии шаҳрвандон аз мавқеи назари модели рағбатнокӣ баромад менамояд. Шаҳрванд дар чунин низом бо дарназардошти манфиатҳои шахсӣ ва гурӯҳӣ дар ҳаёти сиёсӣ иштирок намуда, барои ба мақсадҳои хеш расидан ҳамчун субъекти сиёсӣ рафтор менамояд. Дар модели мазкур тарзи бархӯрди шаҳрванд ба ҳодисаҳо ва падидаҳои сиёсӣ бо дараҷаи ҳавасмандии ӯ алоқаманд аст.

Гарчанде дар ҷомеаи демократӣ бахши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди сиёсӣ нақши назаррас дорад, аммо ба ин нигоҳ накарда давлат тавассути низоми маориф, ба қабули қонунҳои муайян ва сохтору мақомоти худ таъсири муайян мерасонад. Дар раванди сиёсӣ манфиатҳои аксарият ва умуман ҷомеа ба эътибор гирифта мешавад. Маҳз тавассути имконият ва манфиатҳои ҷомеа шахс ба раванди сиёсӣ фаро гирифта шуда, манфиатҳои мардум бо давлат наздик карда мешаванд.

Яке аз шароитҳои ҳифзи суботи ҷомеа низ маҳз тавассути сиёсӣ имконпазир мебошад, ки дар натиҷа шахс ба низоми сиёсии мавҷуда мутобиқ мегардад[12, с.111]. Ҳифзи суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ манфиати ҳар давлат ба ҳисоб меравад, ки бидуни он амалӣ намудани ҳар гуна барномаву стратегияҳо ғайриимкон мебошад. Аз ҷониби дигар, мутобиқ нагардидани манфиатҳои шахс ба низоми сиёсӣ метавонад, ба авзои сиёсии ҷомеа таъсири манфӣ расонад. Аз назари муҳаққиқон, яке аз сабабҳои рӯ овардани бархе аз ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротӣ мутобиқ нагардидани онҳо ба муҳити ҷомеа мебошад. Чуноне ки муҳаққиқ Ятимов С. зикр менамояд: “Эҳсоси бегонагӣ, напазируфтани меъёрҳои умумиэътирофшудаи иҷтимоию маънавӣ, ворид шуда натавонистан ба муҳити ахлоқию маънавӣ ва сиёсию иҷтимоии ҷомеа нишонаҳо ва мукшлоте мебошанд, ки шахсро дар раванди иҷтимоишавии он ҳамроҳӣ менамоянд”[19, с.187].

Модели рағбатнокӣ дар он кишварҳое бештар имкони амалӣ шуданро дорад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъмин карда мешавад ва он дар доираи салоҳияти давлат ва бахши ҷомеаи шаҳрвандӣ сурат мегирад. Зеро, аз тарафи давлат эътироф гардидани мақоми институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ нақш ва саҳми онҳоро дар раванди сиёсии аҳолӣ афзун намуда, бори гарони давлатро низ камтар менамояд. Ташкилотҳои ҷамъиятӣ, бинобар дар байни ҷомеа кору фаъолият намудан, мушкилоту камбудӣ ва манфиатҳои онҳоро хуб дарк менамоянд ва метавонанд, дар байни ҷомеа мақоми муайянро соҳиб бошанд. Имрӯз аз байни ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ иттифоқҳои ҷавонон ва иттифоқҳои касаба нисбатан фаъол буда, дар ин самт ба раванди сиёсии шаҳрвандон таъсири муайян расонида истодаанд.

Дар шароити Тоҷикистон, ки роҳи бунёди давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ пеш гирифта шудааст, аз байни моделҳои зикршуда модели рағбатнокӣ вобаста ба шароити замони муосир манфиатбахш ба назар мерасад. Модели мазкур ба рушди принсипҳои демократия, бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва инкишофи давлат бештар мусоидат мекунад. Дар ин иртибот соли 2013 дар Тоҷикистон Консепсияи мақсадноки миллии илмию таҳқиқотӣ оид ба масъалаҳои рушди инсон, таъмини минбаъдаи принсипҳои

демократӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ барои солҳои 2013-2028 қабул карда шудааст. Чуноне ки дар муқаррароти умумии Консепсия зикр гардидааст: «Консепсияи мазкур масъулияти давлат, ҷомеаи шаҳрвандиро нисбат ба шахсият ва шахсро нисбат ба давлат ва ҷомеа, эътирофу эҳтироми волоияти қонун, арзишҳои волои демократӣ ва масъулияти инсонро ба оянддаи ҷомеа муайян менамояд»[6]. Ҳадафи қабули ҳуҷҷати мазкур рушди инсон, принсипҳои демократия ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ва аз ҳама муҳим сохтани шароит барои зиндагии шоистаи инсон мебошад.

Хулоса, сиёсӣ раванди мақсадноки интиқол додани арзишҳои иҷтимоиву сиёсӣ, мутобиқсозии шахс ба муҳити низоми сиёсии ҷомеа бо роҳи ҳифзи тартибот ва рушди устувори давлат мебошад. Бинобар ин, тавонбахшии фаъолияти институтҳо ва агентҳои сиёсӣ ва ба роҳ мондани барномаи мукаммал оид ба баланд бардоштани маърифати сиёсӣ ва фаъолсозии шаҳрвандон яке аз масъалаҳои муҳими самаранокии сиёсӣ ва рушди устувори системаи сиёсӣ ва давлат ба шумор меравад. Вобаста ба шароити замони муосир идеяи миллӣ, ки ҷавобгӯ ба манфиатҳои шаҳрванд, ҷомеа ва давлат бошад, муҳим ба назар мерасад. Чуноне ки муҳаққиқ Ҳайдаров Р. зикр намудааст: «Миллате, ки идеяи миллӣ надорад, қурбонии таҷовузгарони хориҷӣ гашта, рӯ ба олами фано хоҳад овард»[15]. Ӯ ваҳдати миллӣ ва ватандӯстиро шоҳсутуни идеяи миллии тоҷикон баҳо медиҳад. Мо чунин меҳисобем, ки идеяи миллӣ бояд тарзе муқаррар карда шавад, ки он ифодакунандаи манфиати ҳамаи қишрҳои ҷомеа ва таъминкунандаи ваҳдату ягонагии мардум бошад. Ҳатто шаҳрвандони берун аз Тоҷикистон муҳимияти онро дарк намуда, барои амалӣ кардани он саҳмгузор ва манфиатдор бошанд. Дар ин самт истифодаи имконияту тавоноии мақомоти давлативу институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ зарур мебошад. Дар шароити давлати демократӣ маҳз шеваи ҳамкорӣ ва истифодабарӣ аз нерӯи ҳамдигар шанси давлатро барои ҳифз намудани суботу оромии ҷомеа боло карда, ба боз ҳам устуворона пеш рафтани он мусоидат менамояд.

### *Пайнавишт:*


1. *Зокиров Г.Н. Сиёсатшиносӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2010. – 520 с.*
2. *Идиев Х., Самиев Б.Ч., Гиёев Қ.Ҳ. Сотсиология. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 159 с.*
3. *Идиев Х.У. Тоҷикистон дар масири тағйироти иҷтимоӣ. – Душанбе: Дониш, 2016. – 119 с*
4. *Истон Д., Деннис Дж. Дети в политической системе: основа политической законности // Вестник МГУ. Серия 18. Социология и политология. – 2001. – №3. – С. 76–97.*
5. *Комилова М.Д. Ҷамъияти шаҳрвандии ҷавонон дар шароити ҷомеаи тағирёбандаи тоҷик. – Душанбе: Таминотчӣ, 2018. – 148 с.*
6. *Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, №94. – Душанбе, 2006.[Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=31987 (санаи муроҷиат: 16.07.2021)*
7. *Крапивенский С.Э. Социальная философия. – М.: Владос, 2003. – 416 с.*
8. *Морозов С.И., Черных Н.С. Политические технологии и механизмы социализации/ресоциализации студенческой молодежи в условиях реализации национальной модели модернизации России // Вестник Волгоградского государственного университета. Сер 4. Ист. 2012. – №2 (22). – С.132-139.*
9. *Мудрик А.В. Социализация человека: учебное пособие для студ. высш. учеб. заведений / А.В. Мудрик. 3-е изд., испр. и доп. – М.: Издательство Московского психолого-социального института, 2011. – 736 с.*
10. *Мухаев Р.Т. Политология: учебник для вузов. Издание второе. – М., 2001. – 432 с.*

11. *Муҳаббатов А. Демократия ва гуногунандешӣ – асоси маънавии ташакули системаи бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон // Масъалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон. Қисми IV. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – С. 9-19.*
12. *Песков А.Е., Кленина Е.А. Роль политической социализации молодежи в сохранении демократического потенциала общества // Вестник АГТУ. – 2014. – №2(58). – С.110-113.*
13. *Саидзода Ш.Ш. Сотсиализатсия – яке аз роҳҳои баланд бардоштани маърифати сиёсии шаҳрвандон // Ахбори ДДҲБСТ. – 2018. – №3(76). – С.135-143.*
14. *Тощенко Ж.Т. Фантомы современного российского общества // Гуманитарий Юга России. – 2014. – №1. – С.12-24.*
15. *Ҳайдаров Р. Ваҳдати миллӣ ва ватандӯстӣ шоҳсутуни идеяи миллии тоҷиконанд. Суроғаи эл.: https://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=44762 (санаи мурочиат: 15.08.2021)*
16. *Шестопал Е.Б. Личность и политика. Критический очерк современных западных концепций политической социализации. – М.: Мысль, 1988. – 203 с.*
17. *Шляхун П.П. Политология / П.П. Шляхун. – Киев: Либидь, 2002. – 576 с.*
18. *Раҳмон Эмомалӣ. Суханронӣ дар таҷлили Рӯзи дониш, дарси сулҳ ва оғози соли нави таҳсил. Суроғаи элек.: http://president.tj/node/12908 (санаи мурочиат: 09.08.2021).*
19. *Ятимов С. Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – 208 с.*
20. *Grenstein, F. A note on the ambiguity of political socialization: definitions, criticism and strategies of inquiry / F. Grenstein // The civil culture revisited. Ed. Almond and Verba. – Boston, 1980. – 237 p*
21. *Hyman, H. Political Socialization. A Study in the Psychology of Political Behavior / H. Hyman. – Glencoe: The Free Press, 1959. – 175 p.*

***Reference Literature:***

1. *Zokirov G.N. Politology. – Dushanbe: Er-Graph, 2010. – 520 pp.*
2. *Idiev H., Samiyev B.Ch., Ghiyoev K.H. Sociology. – Dushanbe: Devashtich, 2006. – 159 pp.*
3. *Idiev H.U. Tajikistan on the Way of Social Changes. – Dushanbe: Knowledge, 2016. – 191 pp.*
4. *Iston D., Dennis Dj. Children in Political System: Political Legality Base // MSU Bulletin. Series 18. Sociology and Politology. – 2011, №3. – pp. 76 – 97.*
5. *Komilova M.D. Civil Society of Youth under the Conditions of Changing Tajik Society. – Dushanbe: Taminotchi, 2018. – 148 pp.*
6. *Telic Scientific-Research Conception on the Problem of Man`s Development, Further Insurance of the Principles of Democracy and Civil Society Evolution for 2013 – 2028. Enactment of Tajikistan Republic from 02.07.2013, №228 [Electronic resource]. URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=31987 (Date of appeal: 16.07.2021).*
7. *Krapivensky S.E. Social Philosophy. – M., Vlados, 2003. – 416 pp.*
8. *Morozov S.I., Chernykh N.S. Political Technologies and Mechanisms of Socialization // Resocialization of Student Youth under the Conditions of Realization of National Model Aimed at Modernization of Russia // Bulletin of Volgograd State University. – 2012, №2(22). Series 4. – pp. 132 – 139.*
9. *Mudrik A.V. Socialization of Man: educational text-book for the students of higher educational establishments // A.V. Mudrik. The 3-d edition, revised and enlarged. – M.: Publishing-House of Moscow Psychologico-Social Institute. 2011. – 736 pp.*
10. *Mukhaev R.T. Politology: manual for higher schools. The 2 nd edition. – M., 2001. – 432 pp.*

11. *Mukhabbatov A. Democracy and Political Pluralism as Moral Foundation of Multi-Party System in Tajikistan. Part IV. – Dushanbe: Er-Graph, 2016. – pp. 9 – 19.*
12. *Peskov A.Ye., Klenina Ye.A. The Role of Political Socialization of Youth in Preservation of Democratic Potential of Society // Bulletin of AGTU. – 2014, №2(58). – pp. 110 – 113.*
13. *Saidzoda Sh.Sh. Socialization as one of the Ways of Elevation of Citizens` Political Enlightenment // Bulletin of TSU LBP. – 2014. Series of Social Sciences. – 2018, №3. – pp. 135 – 143.*
14. *Toshchenko Zh.T. Phantoms of Contemporary Russian Society. Humanitarian of the South of Russia. – 2014, №1. – pp. 12 – 24.*
15. *Khaydarov R. National Unity and Patriotism as Principal Pillars of Tajiks` National Ideas. [Electronic resource]. URL: https://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=44762 (Date of appeal: 15.08.2021).*
16. *Shestopal Ye.B. Individual and Politics. Critical Essay of Modern Western Conceptions of Political Socialization. – M.: Thought, 1988. – 203 pp.*
17. *Shyakhun P.P. Politology // P.P. Shlyakhun. – K.: Libid, 2002. – 576 pp.*
18. *Rahmon, Emomali. Speech on the Day of Knowledge, Lesson of Peace and School Year Beginning Celebration [Electronic resource]. URL:* http://president.tj/node/12908 *(Date of appeal: 09.08.2021).*
19. *Yatimov S. Prudence and Tradition of Governing. – Dushanbe: Publishing-House "Ganj" (Treasure), 2019. – 208 pp.*
20. *Grenstein, F. A note on the ambiguity of political socialization: definitions, criticism and strategies of inquiry / F. Grenstein // The civil culture revisited. Ed. Almond and Verba. – Boston, 1980. – 237 pp*
21. *Hyman, H. Political Socialization. A Study in the Psychology of Political Behavior / H. Hyman. – Glencoe: The Free Press, 1959. – 175 pp.*